**№873/2.1 аз 22.02.2011**

**Мақомоти ҳудудии андоз**

*Доир ба ҳисоб ва пардохти андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади кормандони кироя*

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон №665 аз 29.12.2010» тағйирот ба қисми 5 моддаи 137, илова гардидани сархати нав ба қисми 2 моддаи 161 ва тағйирот ба сархати дуюми қисми 3 моддаи 303 ҳангоми ҳисоб намудани андоз аз даромад ва андози иҷтимоии коргарони кироя нишондиҳандаи омории музди меҳнати миёнаи номиналии кироякорон дар шаҳру ноҳияҳои дахлдор ҳамчун манбаи ақали андозбандии ин андозҳо эътироф мешавад.

Музди меҳнати миёнаи номиналии коргарони кироя дар давраи аз 1 июли соли ҷорӣ то 30 июни соли оянда аз рӯи нишондиҳандаи миёнаи омории шаҳру ноҳияи дахлдор (ба истисноии муассисаҳои буҷетӣ ва корхонаҳое, ки дар онҳо на камтар аз 50 фоизи кормандонашонро маъюбон ташкил медиҳанд), ки дар соли гузашта ташаккул ёфтааст, ҳисоб карда мешавад. Яъне, барои давраи аз 1 январи соли 2011 то 30 июни соли 2011 барои мақсадҳои андози даромад ва андози иҷтимоӣ нишондоди омории музди меҳнати номиналии миёна дар шахри (ноҳияи) дахлдор дар соли 2009 ташаккулёфта истифода шуда, барои давраи аз 1 июли соли 2011 то 30 июни соли 2012 чунин нишондиҳандаи шаҳри (ноҳияи) дахлдор дар соли 2010 ташаккулёфта истифода мешавад

Корманди кирояи асосие (ғайриасосӣ), ки дар ду ва ё зиёда ҷой кор мекунад, бо мақсади ба инобат гирифтани даромади аслии дар шакли музди меҳнат гирифташаванда ва муайян намудани ӯҳдадориҳои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ ҳуқуқ дорад, ба ҷои кори асосии (ғайриасосии) фаъолияташ маълумотномаи дахлдор пешниҳод намояд.

Бинобар сабаби асосан ба субъектҳои соҳибкорӣ алоқамандӣ доштани талаботи моддаҳои 137, 161 ва 303 Кодекси андоз вобаста ба музди меҳнати миёнаи номиналии кироякорон, дар ҳолатҳои зерин **даромади аслии дар шакли музди меҳнат гирифтаи корманди кироя,** ҳамчун манбаи андози даромад ва андози иҷтимоӣ ба ҳисоб гирифта мешавад:

- нисбати ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва эҳсонкорӣ, муассисаҳои давлатӣ, ки мақсади асосии онҳо гирифтани фоида намебошад;
- нисбати кормандони ёрирасон (котиба, посбонҳо, ронандагон, фарошон, боғбон), ки натиҷаи кори онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ таъсири назаррас надорад;
- нисбати субъектҳои хоҷагидорие, ки мувaққатан фаъолият наменамоянд (ба истисноии роҳбар ё сармуҳосиб);
- нисбат ба кормандони ташкилотҳое, ки басти пурра кор намекунанд (аз ҷумла, нафақахӯрон ва донишҷӯён);

- нисбат ба кормандони шахсони ҳуқуқӣ, ки фаъолияти онҳо мавсимӣ мебошад, дар давраи ғайримавсимӣ (ба истиснои корхонаҳои кишоварзӣ). Дар мавриди корхонаҳои кишоварзии бо андози ягона андозбандишаванда дар ҳолати иҷрои кори кироя аз тарафи аъзоёни ингуна хоҷагиҳо. Яъне вобаста ба шароити табиию иқлимӣ дар тамоми давраи соли тақвимӣ коро ичро карда наметавонанд ва фақат дар давраи муайян корро иҷро менамоянд.

  Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки кормандони худро бо мактуби мазкур шинос намуда, қабули эъломияҳои андози даромад ва андози иҷтимоиро бо назардошти талаботи мактуби мазкур ба роҳ монанд, мунтазам бо андозсупорандагон барои давра ба давра оиди дуруст нишондодани музди меҳнати коргарони кироя корҳои фахмондадиҳӣ баранд.

Раис Н. Давлатов